**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Мираксзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати академики АИ ҶТ, доктори илмҳои таърих Яқубов Ю. (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Муҳидинов С.Р. (аъзо) ва доктори илмҳои таърих, профессор Саидов А. (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертатсияи Мираксзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи **«Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти нав буда, аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва методологӣ ҷавобгӯи талабот барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Мавзӯъ дар партави эълон гардидани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар кишвар хеле мубрам ва рӯзмарра мебошад. Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва омору арқоми саҳеҳ таълиф гардида, аз нигоҳи таърихнигорӣ низ барои омӯзиши таърихи навини Тоҷикистон маводи боэътимод медиҳад. Муаллиф дар ҷамъоварии мавод ва таҳқиқи ин мавзуъ кори зиёдеро анҷом додааст. Тақрибан тамоми осори дар заминаи туризм таълифшуда аз ҷониби муаллиф истифода гардидааст.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳо илмӣ ва мушаххас буда, бо риояи муқарраротӣ илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд. Номи бобу зербобҳо бо

номи диссертатсия мувофиқат карда, паҳлуҳои гуногуни мавзӯро баррасӣ ва равшан мекунад. Ҳамаи бобу зербобҳо бо хулосаву натиҷагириҳо илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Мавзӯи мазкур дар таърихнигории миллӣ таҳқиқ нагардидааст ва ахбору иттилооти ҷамъоваришуда нав ва бори нахуст ба доираи илмӣ ворид карда шудаанд. Хулосаҳои Мираксода Фаридун Юсуфи оид ба таҳқиқи мавзӯъ илман асоснок мебошанд. Таҳқиқи таърихи туризми тоҷик, марҳилаҳои асосии рушди он, сабабу натиҷаҳои заволи туризм дар Тоҷикистон, эҳёи ин соҳаи ҳаётан муҳим, дурнамои рушди туризм дар диссертатсия инъикоси пурраи худро ёфтааст.

Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Мазмуни умдаи рисола дар ҳашт мақолаи унвонҷӯ, аз ҷумла панҷ мақола дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, баён шудааст.

Диссертатсияи номзадии Мираксода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)», аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда аст.

Зимни ин, вобаста ба диссертатсияи зикршуда комиссияи экспертӣ ба чунин қарор омад:

1. Диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Мираксода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. **Ба сифати муассисаи пешбар:** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат пешниҳод карда шавад.

3. **Ба сифати муқарризони расмӣ:**

А) Набиев Ваҳоб Машрабович – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

Б) Фирдавси Абдулҳамид – номзади илмҳои таърих, сардори шуъбаи таърихи нав ва навтарини Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллии Тоҷикистон” пешниҳод карда шаванд.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**академики АИ ҶТ, д.и.т.** **Яқубов Ю.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Муҳидинов С.Р.**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Имзоҳоро тасдиқ менамоям:**
**сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**Аҳмади Дониши АИ ҶТ** **Файзуллоева Г.**